«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, доктори
илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
_______________ Раҳмон Д.С.
«__2__» ___июни___ соли 2023

**ТАҚРИЗИ**

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Шукурзода Хуршеди Абдумумин дар мавзуи “Ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимониояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ (илмҳои педагогӣ)**

Мубрамияти мавзуи таҳқиқотии Шукурзода Хуршеди Абдумумин дар он зоҳир мегардад, ки дар замони муосир дигаргунсозиҳои дар системаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон баамаломада, мақоми хосаро барои сифатан баландбардории кадрҳои педагогӣ ҷудо намудааст. Аз ин рӯ, хусусияти технологияи муосири таълим, омодагии касбии омӯзгоронро дар бахши ноилшавӣ ба натиҷаи баланди инкишофи эҷодии шахсият инъикос менамояд. Масъалаи ошкорсозии нуфузи эҷодии шахсият, инкишофи мустақилияти он, салоҳият ба таҳқиқот, тарбияи маънавӣ ва ақлонии он яке аз масъалаҳои муосири таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мебошад. Омӯзгорони оянда ҳамчун шахсиятҳои мустақил ва дорои қобилияти таҳияи системаи таҳсилотӣ ҳамон вақт омода мешаванд, ки ҷабҳаҳои гуногуни таҷрибаи фаъолияти эҷодиро дар давраҳои донишҷӯйи гирифта бошанд. Бинобар ин, мақсад ва вазифаҳои донишгоҳҳои омӯзгорӣ, дар асоси дониш ва маҳоратҳои мустаҳками дар донишҷӯён ҳосилшуда қобилият ба эҷодиётро инкишоф дода, онҳоро ҳидоят ба равандҳои

таҳқиқотӣ мекунанд. Фақат омӯзгори эҷодкор фаъолиятнок ва таҳқиқотчӣ, боиси фаъолияти амалисозии равандҳои навгониҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ, барандаи технологияи педагогии нав шуда метавонад.

Ба ақидаи муҳаққиқ мубрамияти мавзуи таҳқиқотии мазкур дар ҷумҳурӣ бо омилҳои зайл асоснок карда мешавад: муайянкунии моҳият ва мазмуни омодагии ҷалби муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ; коркард ва амалисозии имкониятҳои ташкили фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди омӯзиши назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ; роҳҳо ва усулҳои ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ ҳангоми омӯзиши «Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ; истифодаи таҷрибаи фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ дар ҳалли масъалаҳои матнии душвор ва санҷидани самаранокии озмоиши андешаҳои коркарди методӣ оид ба ҷалби муаллимони синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ ба роҳ монда шудааст.

Диссертатсия аз сарсухан, ду боб, хулоса, феҳристи адабиёти истифодашуда иборат буда, 172 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад.

Боби аввали диссертатсия “Асосҳои назариявӣ-методологии ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши фанҳои математикӣ-методӣ” ном дошта, аз ду зербоб иборат мебошад. Дар зербоби аввали он самтҳои асосии дурнамои муосири таълим дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ, яъне амиқ гардонидани сатҳи назариявии донишҳо, баланд бардоштани дараҷаи мустақилӣ ва фаъолиятнокии донишҷӯён дар ҷараёни таълимӣ-дарккунӣ, васеъгардонии фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ, коркарди тарзҳои муосири идоракунии ҷараёни таълим бо мақсади баландбардории самти таълимӣ-таҳқиқотии дарккунӣ, ба тафаккури таҳқиқотӣ ҷалб намудани донишҷӯён мебошад. Ба таҳқиқотҳои илмӣ ҷалб намудани донишҷӯён ҳар яки онҳоро бо имконияти воқеии азхудкунии

маҳорат ва малакаи таҳқиқотӣ, ки асоси амалигардонии самаранокии мавқеи омӯзгор-таҳқиқотчӣ мебошад, таъмин менамояд.

Шарти муҳими баландбардории самаранокии тайёрии касбии методии омӯзгорони оянда робитаи зич ва мустаҳками корҳои таълимӣ ва илмӣ-таҳқиқотии донишҷӯён дар ҷараёни таълим мебошад. Ин омил боиси беҳдошти ҷараёни таълим мешавад: дониши донишҷӯён амиқ гашта, тайёрии касбӣ-методии онҳо ба фаъолияти эҷодкоронаи омӯзгорӣ такмил меёбад, равияи касбии кори таҳқиқотӣ афзуда, наздикшавии он ба объекти асосии таҳқиқот-муассисаҳои таълимӣ ва ҷараёнҳои дар он ба амалоянда ба даст оварда мешавад.

Муаллиф, мафҳуми «фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ»-ро то ҳаҷми фаъолияти таълимӣ-дарккунӣ васеъ намуда, ба сифати фарқ намудани аломати фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии донишҷӯёнро ба эҷодиёти илмии онҳо мансубкунанда, созгор мебошад, ошкор намудааст. Фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии донишҷӯён – ин фаъолнокии идрокии онҳо мебошад, ки боиси истифодаи бошууронаи методҳои таҳқиқоти илмӣ дар ҳамаи намудҳои асосии кори таълимӣ мебошад. Дар давраи таҳсил дар донишгоҳ донишҷӯён бояд на фақат донишҳои мушаххасро ба даст дароранд, балки маҳорати озод азхудкунӣ, методологияи илм, истифодаи методҳои дарк намудани зуҳурот ва малакаи пешгӯӣ намудани инкишофи минбаъдаи илм ва фарҳангро аз худ намоянд.

Дар зербоби дуюми рисола масъалаҳои тайёрии муаллимони синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти таҳқиқотии педагогӣ, ки боиси дар онҳо ташаккул ёфтани маҳорати таҳқиқотӣ, зарурии амалисозии ин шакли фаъолият мешавад, ки дар заминаи он ташаккулёбии мароқнокӣ-арзёбӣ, иттилоотӣ-мақсаднокӣ ва амалӣ-нигаронии омодагӣ ба фаъолияти таҳқиқотиро пешниҳод намудааст.

Унвонҷӯ талаботро нисбат ба муаллими муосир нишон медиҳад, ки омӯзгор бояд ба омӯзиш, таҳлил ва пешгӯии инкишофи шахсият ва ҳаёти хонандагон, амалисозии дигаргуниҳои мураккаб дар системаи таълим, ҳалли

методии зиддиятҳои инкишофи он омода бошад. Омӯзгори оянда ба ақидаи муҳаққиқ бояд маҷмуи вазифаҳои таҳқиқотиро, ки ба соҳаҳои гуногуни кори педагогӣ дахл доранд, ҳал карда онҳоро асоснок менамояд.

Дар Стандарти давлатии таҳсилот гуфта мешавад, ки мутахассис бояд дорои хислатҳои зерин бошад: сатҳи баланди таҳсилоти касбӣ, зеҳни баландинкишофёфта, эҷодкор, дониши усулу технологияҳои навтарин дар соҳаи маориф. Дар Стандарт омадааст, ки хатмкунанда дар самти таҳсилоти педагогӣ, бояд дорои салоҳиятҳои зерини касбӣ бошад: омодагӣ ба истифодаи донишҳои системавии назариявӣ ва амалӣ барои муайян ва ҳалли масъалаҳои таҳқиқотӣ дар соҳаи маориф, қобилияти таҳияи технологияҳои муосири педагогӣ бо назардошти хусусиятҳои раванди таълим, вазифаҳои тарбия ва рушди шахсият, қобилияти истифода бурдани усулҳои асосии таҳқиқоти илмӣ дар фаъолияти таълимӣ ва тарбиявӣ бошад. Хулоса, шароити нави иҷтимоию иқтисодӣ аз хатмкунандагони ихтисосҳои омӯзгорӣ натанҳо дониш, маҳорати касбӣ, балки қобилият ва майлу хоҳиши такмили неруи эҷодии онҳоро талаб мекунад.

Боби дуюми рисола "Асосҳои методии ташаккули фаъолияти таҳқиқотии муаллимониояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди "Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ" дар донишгоҳ" ном дошта, аз се зербоб иборат аст. Дар зербоби аввали боби дуюми он илми педагогикаи муосир ва таҷрибаи таҳсилоти имрӯза ба технологияи навини раванди таълим вобаста шудааст, ки боиси беҳдошти омодасозии мутахассисони рақобатпазири бозори меҳнат дар муассисаҳои таҳсилоти касбии олӣ мебошад. Ин омил барои бедорсозии фаъолнокии азхудкунии донишҷӯ, таҳиясозии мустақилияти тафаккур ва фаъолияти ӯ равона гардидааст.

Таҳлили таҳқиқоти номбурда ба унвонҷӯ имконият додааст, ки тамоили технологияи касбӣ-нигаронидаи таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун системаи психологӣ, умумипедагогӣ, дидактикию методии робитаи байни омӯзгор ва донишҷӯ бо назардошти хусусиятҳо ва майлу рағбатҳое, ба амалисозии мазмун, методҳо, шаклҳо ва воситаҳои таълим дар

мувофиқа ба ҳадафҳои таҳсилот, ки ба сифатҳои муҳими мутахассиси оянда мусоидат мекунад, баррасӣ кунад.

Яке аз шаклҳои дигари фаъолияти таълимии донишҷӯ ин омӯзиши ҳалли масъалаҳои матнӣ ҳангоми машғулиятҳои амалӣ мебошад. Ин шакли фаъолияти академӣ ба таври васеъ дар донишгоҳҳо истифода карда мешавад. Машғулиятҳо боиси амалисозии робитаи байни назария ва амалия, инкишофи фаъолияти фикрӣ-азхудкунӣ ва ҷалби онҳо ба методҳои таҳқиқоти илмиро фароҳам меоварад, хулосабарорӣ кардааст. Масалан, ҳангоми ҳалли масъалаи матнии мушаххас мақоми таҳлили шарти масъала, ҷустуҷӯйи нақшаи ҳал, ҷудокунии масъалаҳо ба зермасъалаҳо, бо ҳам муттаҳидсозии ҳалли зермасъалаҳо ва татбиқи ҳалли ёфташуда, хулосабарориҳо оид ба ҳалли масъалаҳо ва монанди инҳо ташаккул меёбанд.

Ба ҳамаи мо маълум аст, ки ҳалли масъалаҳои матнӣ қисми таркибии курси математикаи синфҳои ибтидоӣ ба шумор меравад. Масъалаҳои матнӣ имконияти васеи ҷалби омӯзгорониояндаро ба фаъолияти таҳқиқотӣ дорад. Бинобар ин, ҳангоми ҳаллу тартиб додани масъалаҳои матнӣ талаботи методии зеринро бояд риоя намуд: истилоҳу гуфторҳои матнии масъала ба доираи истилоҳҳои истифодашавандаи хонандагон мувофиқ бошанд; мазмуни матни масъалаҳо аз муҳити атрофи хонандагон то андозае дур набошад ва матни масъалаҳо ба воқеият мувофиқ бошад.

Дар зербоби дуюми боби дуюми рисола масъалаи ташаккули фаъолияти таҳқиқотӣ дар раванди таълими математика дар ҳамбастагӣ бо улуми педагогӣ яке аз шартҳои зарурии самаранокӣ, омодагии математикии донишҷӯён мебошад, ки онҳо тавонанд эҷодкорона ва мустақилона аз ӯҳдаи ҳалли масъалаҳои математикӣ бароянд.

Беҳтарин усулҳои ташкили фаъолияти таҳқиқотии донишҷӯён ҳангоми ҳалли масъалаҳои матнӣ инҳоянд: усули ҳамгироии раванди таълим; усули амалӣ-нигаронӣ дар раванди таълим; методи тафриқаи мазмун ва ташкили ташаккули омодагӣ ба фаъолияти таҳқиқотӣ; усули диалогӣ дар раванди таълим.

Аз нуқтаи назари муаллиф «Назария ва практикуми ҳалли масъалаҳои матнии математикӣ» яке аз ҷузъҳои методӣ барои омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ мебошад. Аз ин рӯ, мафҳуми «Корҳои таҳқиқотии таълимии донишҷӯён»-ро метавон ҳамчун раванди азхудкунии дониш ва ташаккули малакаҳои фаъолияти таҳқиқотӣ, ки марҳилаи ҷорӣ намудани элементҳои таҳқиқоти илмиро ҳамчун раванди омодагии методӣ дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ тавсия кардан мумкин аст, ошкор намудааст. Муҳаққиқ навиштани кори курсӣ аз фанҳои педагогика, психология ва ҳам аз методикаи таълими фанҳои тахассусӣ дар синфҳои ибтидоӣ барои тайёр кардани донишҷӯён - омӯзгорони оянда дар таълими фанни тахассусии синфҳои ибтидоии муассисаҳои таълимиро пешбинӣ менамояд.

Кори курсии донишҷӯ метавонад бо қарори кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоӣ иҷро карда шавад, агар он ба талаботи низомнома оид ба навиштани кори курсӣ мувофиқ бошад. Аз ин рӯ, кори курсӣ ва рисолаи хатм сатҳи баланди натиҷаи фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ дониста мешавад, ки иҷрои мустақили фаъолияти илмию методии донишҷӯ оид ба методикаи таълими математика буда, маълумоти илмӣ ва илмию методиро дар бар мегирад. Аз ин лиҳоз, ҳангоми оғози кор дар мавзуи рисолаи хатм, донишҷӯ бояд тавсияҳоро оид ба анҷом додани кори курсӣ ва рисолаи хатм риоя намуда, корбаст намояд.

Дар зербоби сеюми боби дуюм, ки “Таҳлили натиҷаҳои озмоиши педагогӣ” ном дорад, натиҷаҳои таҳқиқот тавассути ҷадвалҳо ва диаграммаҳо баҳогузорӣ карда шудааст. Озмоиши педагогӣ дар заминаи факултетҳои педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ сурат гирифтааст. Ин барои инкишофёбии минбаъдаи донишҳои математикии донишҷӯён заминаи эътимоднок мегузорад. Дар навбати худ ҳамаи ин ба ташаккулёбии шавқу ҳаваси хонандагон барои омӯзиши ҳалли масъалаҳои матнӣ мусоидат менамоянд. Имрӯзҳо ин таҳқиқот барои ҷумҳурии мо хеле муҳим аст, чунки

масъалаи омодакунии мутахассисони синфҳои ибтидоӣ ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ, вазифаи муҳими соҳаи маориф мебошад.

Навгонии илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки имкониятҳои педагогӣ ва шароитҳои самараноки пайдо намудану ташаккул додани шавқу ҳаваси маърифатии хонандагону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ ва омода кардани онҳо ба омӯзиши фанни "Назария ва практикуми ҳалли масъалаҳои матнии математикӣ" муайян карда шудааст:

✓ моҳият ва мазмуни омодагии муаллимониояндаи синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ ҳамчун сифати ҳамгироии шахсият, ки муаллимониояндаро майли ворид шудан ба муҳити фаъолияти таҳқиқоти доранд, инчунин таҷрибаи иҷрои фаъолияти таҳқиқотиро дар ҳолатҳои стандартӣ ва ҳолатҳои проблемавӣ ошкор месозад;

✓ дастовардҳо ва комёбиҳои ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимониояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши «Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ» илман асоснок карда шуда аст;

✓ меъёрҳо, дараҷаҳои омодагии муаллимониояндаи синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ: мароқнокӣ (муносибати мусбӣ ба касбиояндаи худ, дарки моҳияти фаъолияти таҳқиқотӣ дар муваффақиятнокии худфаъолиятӣ); маърифатӣ (фаҳмиши методологӣ ва масъалаҳои таҳқиқотии педагогӣ, донишҳои мушаххаси фаннӣ ва ғайра); фаъолиятнокӣ (маҳоратҳои лоиҳабандӣ, маҳоратҳои асосноккунӣ, маҳоратҳои ташкилӣ, маҳоратҳои робитавӣ); инъикоскунанда (қобилияти иҷрои таҳлил ва баҳодиҳии нуқтаҳои назари гуногун оид ба масъалаҳои мушаххас, худтаҳлилкунӣ, худбаҳодиҳии фаъолияти таҳқиқотӣ);

✓ роҳу воситаҳои истифодаи таҷрибаи фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ дар беҳдошти омодагии касбӣ-методӣ, навиштани корҳои курсӣ ва рисолаҳои хатм коркард гардидааст.

Аҳамияти назариявии таҳқиқоти мазкур аз он иборат аст, ки натиҷаҳои бадастомада ба назария ва методикаи таълиму тарбия пурра алоқаманд

мебошанд. Дар кор мафҳуми омодагии муаллимон ба фаъолияти таҳқиқотӣ ҳамчун системаи ҳамгироии омӯзиши предметҳо, инчунин «Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ» барои ҷалби муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти таҳқиқотӣ пешкаш гардидааст. Дараҷа ва меъёрҳои ташаккулёбии омодагии муаллимони оянда мавриди омӯзиши «Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ» муайян шуд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд асоси назариявии коркарди ояндаи ин проблема шаванд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот боиси муайянкунии барномаи корӣ ва васоити таълимии «Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ» гардид. Инчунин хулосаҳо, андешаҳо, ки боиси беҳдошти раванди таълиму тарбия дар донишгоҳҳо мегарданд, баррасӣ шудаанд. Маводи рисоларо метавонанд дар беҳдошти системаи такмили ихтисоси кадрҳои педагогӣ истифода кунанд.

Дар хулоса муҳимтарин коркардҳои муаллифи диссертатсия зикр гардидаанд, аз ҷумла:

1. Шиносоии донишҷӯён бо як қатор салоҳиятҳои таҳқиқотӣ. Нақши фаъолияти таҳқиқотӣ дар фаъолияти ояндаи онҳо.

2. Шиносоии донишҷӯён ба моҳияти компонентҳои фаъолияти таҳқиқотӣ, омодагии муаллимон ба фаъолияти таҳқиқотӣ.

3. Дар системаи таҳсилоти олии омӯзгорӣ имкониятҳои тамоюли фанҳои сикли математикию методиро бо мақсади ташаккули фаъолияти таҳқиқотии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ бояд истифода намуд.

4. Дар ҳамбастагӣ шаклҳои гуногуни таълими донишҷӯёнро, ки боиси ҷалби онҳо ба фаъолияти таҳқиқотӣ аст, ташкил бояд намуд.

5. Ҳамаи имкониятҳои равандҳои таълимро, ки ба масъалаҳои ҷустуҷӯйӣ ва иҷрои супоришҳои таҳқиқотӣ, ки донишҷӯён нигаронида шудааст, бояд истифода кард.

6. Дар раванди ташаккули фаъолияти таҳқиқотии донишҷӯён ба таври васеъ аз методҳои фаъоли таълим (мубоҳиса, бозиҳои рамзӣ, суҳбатҳои

эвристикӣ, конференсияҳо, гузаронидани мизи муддавар, паёмҳо ва ғайра) бояд истифода кард.

7. Корҳои илмӣ-таҳқиқотии донишҷӯ бояд системанок, бо назардошти гузаронидани таҳқиқот оид ба мавзуъҳои ба монанди “Нақши масъалаҳои матнӣ дар тарбияи шахсияти хонандагони хурдсол” дар шакли корҳои курсӣ ва хатм нигаронида шавад.

8. Истифодаи вазифаҳои ҷустуҷӯӣ ва корҳои таҳқиқотӣ дар ҳама шаклҳои раванди таълими математика, равона кардани донишҷӯён ба ҷустуҷӯӣ илмӣ-таҳқиқотӣ.

9. Бо мақсади баланд бардоштани дараҷаи тайёрии донишҷӯён-омӯзгорони оянда дар донишгоҳҳои педагогӣ оид ба фанни математика маҳфили “Роҳҳои амалигардонии фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ”-ро ҷорӣ намудан ба мақсад мувофиқ аст.

10. Назорати иҷро ва баҳодиҳии натиҷаи корҳои таҳқиқотии донишҷӯён ва сатҳи ташаккули фаъолияти таҳқиқотии онҳо мунтазам гузаронида шавад.

11. Бо мақсади сатҳи баланди омодагии ҳалли масъалаҳои матнӣ ба нақшаи таълимӣ курси “Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ”-ро ҳамчун фанни интихобӣ ворид кардан мувофиқи мақсад аст.

Унвонҷӯ Шукурзода Хуршеди Абдумумин дар ҷараёни таҳқиқот аз маводи зиёду пурарзиши ҷамъовардааш барои эътимод бахшидан ба андешаронии хеш ба осори таҳқиқию таҳлилии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ такя намуда, дар мавридҳои зарурӣ аз маъхазҳои гирдовардааш иқтибосҳо овардааст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки диссертатсия аз ҷиҳати мазмуну муҳтаво, масъалагузорӣ, таҳлил ва бардошти хулосаҳо мубрам буда, муаллифи он бо такя ба пажуҳишоти фароҳамовардааш дуруст хулосабарорӣ намудааст.

Ба хотири амиқ дарк кардани моҳияти масъала докторант дар диссертатсияи хеш аз диаграмма ва ҷадвалҳои шарҳдиҳанда истифода кардааст.

Дар диссертатсия баробари муваффақиятҳои зиёд баъзе норасоиҳо низ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо боиси боз ҳам баланд шудани сатҳу сифати кор хоҳад буд:

1. Унвонҷӯ ҳангоми таҳқиқот асосан барои коркард ва амалисозии имкониятҳои ташкили фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ диққат додааст. Хуб мебуд агар докторант масъалаи мазкурро ҳангоми омӯзиши фанни математикаи синфҳои ибтидоии муассисаҳои таълимӣ низ мавриди баррасӣ қарор медод.

2. Дар феҳристи адабиёти истифодашуда адабиёти солҳои охир нашршуда кам ба назар мерасанд.

3. Дар диссертатсия ва автореферат баъзе хатогиҳои имлоиву услубӣ ба назар мерасанд.

Эродҳои овардашуда ҷузъӣ буда, арзиши асосии назариявию амалии диссертатсияро коҳиш намедиҳад.

Мазмуну муҳтавои диссертатсия бо автореферати он, ки ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ таълиф гардидаанд, мувофиқати комил дошта, мундариҷаи корро якҷоя бо мақолаҳои таълифнамудаи докторант, ки 17 ададанд, пурра инъикос мекунанд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи илмии Шукурзода Хуршеди Абдумумин дар мавзуи "Ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010200 - педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ кори илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта буда, масъалаи мубрами рӯзро таҷассум менамояд. Диссертатсия дорои аҳамияти илмӣ-амалӣ буда, ба талаботи Низомномаи КОА-и Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва

унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки ба бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа-PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010200 – Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ (илмҳои педагогӣ) арзанда мебошад.

**Тақриз** аз ҷониби мудири кафедраи "математика ва методикаи таълими он", номзади илмҳои педагогӣ, иҷрокунандаи вазифаи дотсент Ниёзов Ҷонмаҳмад Муродович тартиб дода шуда, дар ҷаласаи васеи кафедраи "Математика ва методикаи таълими он" – и МДТ "Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ" аз 26 майи соли 2023 протоколи № 10 омода гардида, бо қарори №10 аз "26" майи соли 2023 тасдиқ шудааст.

Мудири кафедраи математика ва
методикаи таълими он, номзади илмҳои педагогӣ,
иҷрокунандаи вазифаи дотсент Ниёзов Ҷонмаҳмад Муродович

Экспертон:
Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи
математика ва методикаи таълими он Маҳмудов Туйчӣ

Сардори шуъбаи тайёркунӣ ва
азнавтайёркунии кадрҳои илмӣ – педагогӣ,
номзади илмҳои педагогӣ,
иҷрокунандаи вазифаи дотсент Сироҷиддини Давлаталӣ

Котиби ҷаласа: Ғуломова Моҳира Исломовна

Имзои Ҷ.М. Ниёзов, Т. Маҳмудов, Д. Сироҷиддин ва М.И. Ғуломова - ро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ
"Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ" Ф. Амиров

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16. Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
Тел: (+992-8-33-22) 2 – 35 – 06
E – mail: info @kgu.tj

«29» майи соли 2023